# Ман ва Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳоле, ки ҳарду ҷунуб будем аз як зарф ғусл мекардем. Ва ҳангоми дар ҳолати ҳайз буданам манро амр мекард, ки эзор бипӯшам ва бо ман муошират мекард

Аз Оиша модари муъминон (разияллоҳу анҳо) ривоят аст, ки фармуд: Ман ва Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳоле, ки ҳарду ҷунуб будем аз як зарф ғусл мекардем. Ва ҳангоми дар ҳолати ҳайз буданам манро амр мекард, ки эзор бипӯшам ва бо ман муошират мекард. Ва дар ҳоли дар эътикоф буданаш сарашро ба сӯи ман берун мебаровард ва дар ҳоле ки ҳайз будам онро мешустам.
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Оиша модари муъминон (разияллоҳу анҳо) дар бораи баъзе аз ҳолатҳои хусусияшон бо Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нақл кардааст. Аз ҷумла, ӯ ҳамроҳи Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз як зарфи об ғусли ҷанобат мекарданд ва ҳамроҳ аз он об мегирифтанд. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳаргоҳ мехостанд дар ҳоли ҳайз бо ӯ муошират кунанд, амр мекарданд, ки худро аз ноф то зонӯ бипӯшонад ва сипас бо ӯ муошират мекарданд, бидуни ин ки бо ӯ ҳамхоба шавад. Ва ҳангоме ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар масҷид эътикоф менишастанд, сарашро ба сӯи Оиша, ки дар хонааш буд мебароварданд ва ӯ дар ҳоли ҳайз буданаш сари Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро мешуст.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee